**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**номзади илмҳои техникӣ Домуллоджанов Далер Хамидович ба диссертатсияи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мазуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36–Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02–Соҳаи илмҳои география). – шаҳри Душанбе, 2025. – 7 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 25.00.36–Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

Мувофиқи банди 1.11. Ҷанбаҳои геоэкологии фаъолияти системаҳои табиӣ ва техникӣ.

Мувофиқи банди 1.13. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва техногенюю табиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатарҳо ва хавфҳо, идоракунии хавфҳо, чораҳои пешгирикунанда оид ба коҳиш додани оқибатҳои равандҳои фалокатовар, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоотҳо.

Мувофиқи банди 1.17. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар асоси таҳқиқоти махсуси муҳандисӣ–геологӣ ва геоэкологии гузаронидашудаи муҳаққиқ дар минтақаи Кӯлоб, хусусан обанбори Селбур ва иншооти ирригатсионии ба он тааъллукдошта, муайян гардидааст, ки бинобар сабаби шароити ғайримуқаррарии гидрометеорологӣ микдори зиёди хавфҳои геоэкологии табиӣ, аз қабили ярчфаройӣ, селоӣ, чаппашавӣ, эрозияи заминҳо, ботлоқшавӣ, фурӯнишинӣ, ғорпайдошавӣ, лойғуншавӣ ва ғайра ба қайд гирифта шуданд, ки оқибати ин хавфҳо ба маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои автомобилгард ва дигар иншооти ҳаётан муҳим таҳдиди ҷиддӣ ба миён меоранд.

Системаҳои обёрӣ дар баъзе минтақаҳо корношоям гашта, чандин маҳалли аҳолинишин хароб, инчунин талафоти ҷонии одамон ба қайд гирифта шуданд. Аз ин лиҳоз дар арзёбии ҳолати экологии минтақа талаботи мақсаднок яъне омӯзиши мухтасари хавфҳои табиӣ ва техногенӣ ва таснифи онҳо бо мақсади нигоҳ доштани инфрасохторҳо ва аҳолӣ аз хатарҳо мавҷуд аст. Ин ҳама аз актуалӣ будани таҳқиқоти гузаронидашуда шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз ҷониби муҳаққиқ аввалин маротиба:

- хусусиятҳои шароити муҳандисӣ–геоэкологии минтақа ошкор карда шуданд; - хусусиятҳои рушди равандҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ ҳангоми фаъолияти техногенӣ муқаррар гардидаанд;
- бори нахуст хавфҳои геоэкологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ арзёбӣ шуданд; аввалин маротиба харитаҳои типикунонӣ ва арзёбии хавфҳои геоэкологии минтақаи Кӯлоб тартиб дода шуданд;
- бори аввал тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба паст намудани таъсирбахшии хавфҳои геоэкологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

Ҳамчун нуктаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ натиҷаҳои зеринро қайд кардан зарур аст:

1. Шароитҳои муҳандисӣ–геологӣ ва геоэкологии минтақа усулҳои коҳиш додани таъсири фаъолияти техногениро муайян мекунанд.
2. Хавфҳои геоэкологии табиӣ ва техногенӣ фаъолияти техногениро дар минтақаи Кӯлоб ҳамроҳӣ мекунанд, ки таъсироти худро дар дараҷаҳои гуногун ба муҳити геоэкологӣ мерасонанд.
3. Паст намудани таъсири хавфҳои табиӣ ва техногенӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ тавассути татбиқи тадбирҳои махсуси муҳандисӣ–геоэкологӣ ва муҳандисӣ–техникӣ дар асоси таҳлили чорабиниҳо ва харитаҳои муҳандисӣ–геоэкологӣ имконпазир аст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Навгонии илмии диссертатсия ин дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо аз истифода намудани усулҳои таҳқиқот аз қабили таҳлили кимиёии оби обанбори

Селбур ва дарёи Қизилсу, таҳлили гумуснокии гилҳои зериобии обанбори Селбур бо мақсади ҷорӣ намудани усули муосир бо истифода аз нерӯи ҳосилшавандаи маҳаллӣ асоснок карда шудааст.

Тартиб додани нақша ва харитаҳои муҳандисӣ-геологӣ ва геоэкологии минтақа дар микёсҳои гуногун имконияти омӯзиши сохтори геологии пастхамии Ёхсу, геоморфологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, хавфҳои техногенӣ, арзёбии хавфҳои табиӣ ва типикунонии онҳо, таҳияи буриши геологӣ ва омӯзиши динамикаи лойғуншавии обанбори Селбур, усули коҳиш додани обполоишии зерқабати обанбори Селбур, истифода намудани сементкунонии фавворавӣ, барқарорсозии заминҳои вайроншудаи минтақа бо усули нави аз ҷониби муаллиф таҳияшуда.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки аз 135 сарчашма иборат аст. Диссертатсия дар 140 саҳифа баён гардида, дар он 27 расм, 14 ҷадвал оварда шудааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** «Шарҳи адабиёт ва тавсифи умумии шароитҳои табиии минтақа» дарҷ гардидааст, ки таърихи омӯзиш ва сатҳи таҳқиқи мушкилот; тавсифи физикӣ–географӣ, шароитҳои иқлимӣ ва ландшафтҳои табиӣ; хусусиятҳои сохторӣ–тектоникии минтақа; ҳолати кунунии омӯзиши равандҳои геодинамикӣ омӯхта шудааст.

**Дар боби дуюм** «Маълумоти умумӣ дар бораи шароитҳои геоэкологии минтақа» оварда шудааст. Таҳқиқоте, ки дар минтақаи таъсири карерҳои яккачини ноҳияи Восеъ гузаронида шудаанд, миқдори зиёди намакро дар таркиби хок ошкор карданд. Дар натиҷаи ба атмосфера ворид шудани калий ва хлориди натрий, аномалияҳои ареалии маҳаллии техногенӣ бо миқдори зиёди намакҳо дар қабати хок ба вуҷуд меоянд, муайян карда шудаанд.

**Дар боби сеюм** «Баҳодиҳии вазъи геоэкологии минтақа ва истифодабарии усулҳои муосир» дарҷ гардидааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидаи унвонҷӯ бо пайдоиш ва авҷгирии равандҳои муосири геодинамикӣ, таъсири техногенӣ

хокҳои минтақаи омӯзишӣ хосиятҳои ҳосилхезии худро гум намуда, ба тағйироти гуногун аз қабили раванди эрозионӣ, дефлятсияшавӣ, шӯршавӣ, обхезӣ, биёбоншавӣ, ботлоқшавӣ, захролудшавӣ, лойхоба, сементатсияи горизонтҳои дохили қабатҳои хок ва ғайра дучор мегарданд.

**Дар боби чаҳорум** «Чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирӣ намудани хавфҳои геоэкологӣ» таҳия гардидаанд.

Аз ҷумла: минтақаи омӯзишӣ, ки дар он таъсири техногенӣ ва табиӣ ба таври васеъ зоҳир мешавад, аз ҷониби муҳақиқ бо мақсади паст кардани осебпазирии минтақа ба тағйироти муҳити геологӣ таҳқиқ карда шудааст.

Минтақаи обанбори Селбур, ки дар он таъсири техногенӣ ба таври васеъ зуҳур меёбад, аз ҷониби унвонҷӯ исбот карда шудааст, ки воридшавии ҷинсҳои намакӣ ва гаҷии пуршиддат аз қаторкуҳи Каранкул, вазъӣ экологии минтақаро боз ҳам мураккаб месозад. Инчунин дар рисолаи диссертатсионӣ хулосаҳо 7 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот 3 бандро дар бар гирифтааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи муҳақиқ метавонанд аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, аграрӣ ва географӣ дар вақти баргузории лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораториву амалӣ истифода гарданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мундариҷаи асосии кор, дар 13 мақолаи илмии нашршуда ҳамаҷониба инъикос ёфтаанд. Аз ин шумора 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, ба табъ расидаанд. Нашри ин мақолаҳо дар чунин маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели сатҳи баланди аҳамияти илмӣ ва навоварии таҳқиқоти гузаронидашуда мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферат, дар асоси талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мазуи «**Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ**» баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд.

1. Дар саҳифаи 70 дарҷ шудааст, ки “Фаъолияти хоҷагии халқ дар минтақаи таҳқиқшуда бо суръати баланд рушд карда истодааст, ки ин боиси авҷ гирифтани хавфҳои геологӣ гардидааст. Эҳтимоли омадани сел ба ҳаёт ва арзишҳои моддии инсоният таҳдид мекунад ...”, мушаххас гардонед, ки бо суръати баланд рушд кардани кадом фаъолияти хоҷагии халқ боиси авҷ гирифтани хавфҳои геологӣ ва дигар намуди хавфҳо гардидааст.
2. Яке аз ҳадафҳои таҳқиқот ин таҳия намудани чораҳо оид ба муҳофизати минтақаи сераҳолӣ аз обхезии хатарноки даврӣ ва сел мебошад. Тавсия карда мешавад, ки натиҷаи татқиқотҳои истифодаи усулҳои камхарҷи биологӣ-муҳандисӣ барои ҳифзи минтақаҳои доманакӯҳӣ дар минтақаи омӯзишӣ шудагузаштаро омӯхта, дар диссертатсия истифода мебурданд, барои татқиқот самараи бештаре мебахшид.
3. Дар саҳифаи 114 диссертатсия «Барои барқарорсозии заминҳои минтақаи соҳили дарёҳои Қизилсу ва Ёхсу бо истифода аз нурии органикии ... дар асоси ҳисоботи муқарраpӣ барои 1 га заминҳои эрозионӣ истифода намудани 12 т нуриҳои маҳаллии ҳосилшаванда бо чунин усул ба роҳ монда мешавад.“ пешниҳод шудааст. Меъери пешниҳодшудаи истифодабарии нуриҳои органикиро асоснок мекардед.
4. Пешниҳод карда мешавад, ки маълумоти мухтасар оиди таъсир, таҳдидҳо ва сенарияҳои омодашудаи тағйирёбии иқлим барои минтақаи

омухташуда ва Тоҷикистон, ки ба ҳисоботи чоруми миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим алоқаманд аст (ва дигар ҳуҷҷатҳои муҳими ба ин мавзуъ алоқаманд), ворид карда шавад аз фоида дур нест.

5. Дохил намудани маълумот оиди мутобиқати чорабиниҳои пешниҳодшуда оид ба коҳиш ва пешгирӣ намудани хавфҳои геоэкологӣ ба тағйироти иқлим ва ё коҳиш додани ихроҷи газҳои гулхонагӣ тавсия карда мешавад.
6. Дар саҳифаи 122 диссертатсия, дар хулосабарории боби 4, дар банди “10. Барои ҷорӣ намудани чорабиниҳои геоэкологӣ, яъне тоза намудани обанборҳо аз ҷинсҳои қаърӣ зарур аст, ки таҷҳизот ва технологияи муосирро интихоб намоем. Аз ин рӯ, интихоби таҷҳизоти тозакунии дизелии ғайрихудгард хело муфид ва бомаврид мебошад” дарҷ шудааст, пешниҳод карда мешавад, ки оиди муфиднокии истифодабарии таҷҳизоти тозакунии дизелии ғайрихудгард ва тарзи баҳисобгирии он маълумоти мушаххастар пешкаш намоед.
7. Пешниҳод карда мешавад, ки дар чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирӣ намудани хавфҳои геоэкологии пешкаш карда шуда, ки маълумот оиди асоснокунии иқтисодӣ надорад, илова карда шавад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, хусусияти ҷузъӣ дошта, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ расонида наметавонад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асламов Бахтовар Раҷабалиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои такомули омилҳои геоэкологии қисми марказии минтақаи Кӯлоб дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти антропогенӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 - Соҳаи илмҳои география) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни

соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36-Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02-Соҳаи илмҳои география) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои техникӣ, ходими
пешбарандаи илм, шуъбаи истифодабарии
хоҷагии оби МД «ТоҷикНИИГиМ»-и Вазорати
энергетика ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон Домуллоджанов Д.Х.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ - 2,
кӯчаи Гулпарвар, хонаи №1251
Тел.: (+992) 918-24-80-84
E-mail: daler79@gmail.com
«29»___08___ соли 2025.

Имзои Домуллоджанов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси пешбар оид ба кадрҳо
МД «ТоҷикНИИГиМ»-и Вазорати
энергетика ва захираҳои оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон Назарова Ҳ.Т.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Телефон: +992 (37) 236-59-40
E-mail: info[at]niigim.tj
«29»___08___ соли 2025.